*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004*
*дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Султонзода Исо Муҳаммад дар мавзӯи “Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – “Иқтисодиёт”**

Рушди иқтисодиёти ҳар кишвар, фаъолияти баланди сармоягузорӣ вобаста мебошад, ки ба рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд ва дар натиҷа беҳбудии ҷомеаро баланд мебардорад. Дар ин ҷода сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар шароити муосири иқтисодӣ барои ҳалли вазифаҳои суръатбахшии рушди иқтисодии кишвар дар ҳолати мавҷуд набудани сармояи дохилӣ нақши муҳим доранд. Ин холат пурзур кардани дастгирӣ ва кӯмаки созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ (СИБ), ки фаъолияти онҳо асосан барои таъмини рушди босуботи низоми иқтисоди ҷаҳонӣ, таҳияи равишҳои нави танзим ва ҳамгироии тамоми кишварҳои ҷаҳон ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ равона гардидаанд, талаб менамояд.

Ба тадқиқи ин масъалаи муҳими стратегии иқтисодиёти кишвар рисолаи мазкур равона карда шуддааст.

Дар боби 1-уми рисола масъалаҳои зерин ҳалли худро ёфтааст: таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ; муайян намудани методикаи арзёбии сармоягузории мустақими хориҷӣ. Дар боби 2 баҳодиҳӣ, таҳлили вазъи ҳозира ва пешниҳоди дурнамои ММД ва сармоягузориҳо бо усулҳои эконометрикӣ кушода шудааст. Дар боби хотимави ошкор намудани мушкилот ва монеаҳо дар роҳи такмили идоракунӣ ва танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисоди миллӣ, муайян намудани самтҳои асосии идора ва танзими соҳавии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ ва пешниҳоди роҳҳои баланд бардоштани самаранокии идора ва танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисоди миллӣ таҳлил шудааст. Таҳияи муаллиф “Назарияҳои асосии сармоягузории мустақими хориҷӣ” ба илми иктисод навгони ворид менамояд (С.11).

Фикри муалиф, “...агар ба таҷрибаи гурӯҳи мамлакатҳои таҳлилгардида такя намоем, эҳсос мекунем, ки воридоти фаъоли сармоягузории мустақими хориҷӣ на танҳо ба омилҳои беруна, балки ба омилҳои дохилӣ низ

алоқамандӣ дорад" дуруст мебошад ва аҳамияти стретегияи ҷалб намудани сармояҳои хориҷиро нишон медиҳад. (С.13).

Муайян намудани самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ барои сармоягузорони мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун соҳаҳои энергетикӣ, кишоварзӣ, нақлиёт, саноат, сайёҳӣ ва бахши барои тартиб додани барномахои рушди кишвар мусоидат менамояд. (С.15).

Дар баробари аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва нуктаҳои муҳим да автореферат норасои онро дидан мумкин, муалиф тақсими сармояҳои хориҷиро ба минтақаҳо таҳлил намуда, пешниҳодҳо таклиф накардааст.

Камбудиҳои мушоҳида гардида, дар маҷмуъ сатҳи баланди диссертатсияи илмиро паст намекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Султонзода Исо Муҳаммад дар мавзӯи "Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисоди миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – "Иқтисодиёт" пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Султонзода Исо Муҳаммад сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда профессори кафедраи назарияи иқтисодии МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** **Исмоилов М.М.**

**Имзои Исмоилов М.М. тасдиқ менамоям сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** **Ашрапова З.Н.**

735700 Ҷумхурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд
куч. Мавлонбеков 1.
Тел: +992 92- 775- 67-55
e-mail: mamarahim@list.ru